# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.**

Давраи таърихии муосирро ҳамчун давраи рушди иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мекунанд, ки он ба рушди равандҳои ақлгароӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, рушди дарки илмии олам ва ҷаҳонбинии илмӣ вобаста аст. Вале инсон, аз як тараф, мавҷудияти худро дар табиат тавассути илм хеле осон карда бошад, аз тарафи дигар, бо таҳдидҳои хеле зиёде рӯ ба рӯ гардидааст. Бебаҳс, рушди илму техника барои рушди ҳастии инсон равона мешавад, аммо, мутаассифона, истифодаи донишҳои илмӣ-техникӣ дар зери таъсири омилҳои динӣ мондааст. Аз ин рӯ, имрӯз омӯзишу таҳқиқи мафҳумҳое, ки барои ба низом даровардани дарки тасвири илмии олам равона шудааст, хеле мубрам мебошад. Дар ин росто, қабл аз ҳама, бояд дастгоҳи ба низомдарории тафаккури илмӣ дар асоси мантиқ ва барои шуури ҷамъиятӣ зарур, мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Аҳамияти омӯзиши масъалаи сохтори тасвири олам аз нуқтаи назари категорияҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад бо зарурати дарки сохтори ҳам тасвири худи олам (ки ба рушди методологияи нумуи дониши ҳақиқӣ мебарад) ва ҳам ҷанбаҳои пурмаънои он муайян карда мешавад. Имрӯз, ба ҷавонон бояд аз нав омӯзонем, ки масъалаи тасвири олам, чӣ гуна будани он, кадом вазифаҳоро иҷро кардани он, ҳамчун саволҳои мубрам боқӣ мемонанд, зеро ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба чунин саволҳо барои нумуъи дониши ҳақиқӣ мусоидат менамояд. Таърих худ гувоҳ аст, ки ҳамеша ҳам файласуфон ва ҳам олимони соҳаҳои гуногуни илмро чунин саволҳо ба худ ҷалб мекард. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири олам на танҳо

маҷмуи объективии илм, балки ба андозаи муайян, тамоюлҳои инкишофи онро ҳамчун як зуҳуроти ягона муайян мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, онҳо мушкилоти ниҳоят муҳим ва мубрам буда, таҳлили ҷиддиро талаб мекунанд.

Аз ин сабаб, бо итминони комил метавонем бигуем, ки Субҳонзода С.И. ба мавзуи муҳимми фалсафи даст зада бо ҷиддияти илмӣ онро мавриди таҳқиқоти илмии худ қарор додааст. Ҷолиби диққат он аст, ки ӯ қайд менамояд, ки ду соҳаи муҳимми фалсафа - ҳастишиносӣ (онтология) ва маърифатшиносӣ (гносеология) дар ташаккули тасаввури илмии олам нақши асосӣ доранд. Дар ин росто, ӯ кӯшиш кардааст, ки дар таҳқиқоти худ асоси илмии тасвири оламро маҳз аз дидгоҳи ин ду равияи фалсафӣ дар асоси мақулаҳои фалсафӣ баррасӣ намояд. Диссертант бо далел қайд кардааст, ки дар соҳаҳои илм, фалсафа ва технология, сохтани амсилаҳои муосири олам бе фаҳмиши дақиқи сохтори тасвири олам имконнопазир аст. Он ҳамчун замина барои коркарди назарияҳо ва амалиётҳои гуногун хизмат мекунад. Аз ин рӯ, баррасии сохтори тасвири олам на танҳо масъалаи назариявӣ, балки амалӣ ва фарҳангӣ низ мебошад, ки ба инкишофи шахсият ва ҷомеа кумак мерасонад.

Диссертант мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти худро равшан баён кардааст ва аз руи мундариҷаи автореферат метавонем иброз дорем, ки ин взифаҳо бо ҷиддияти илмӣ ҳалли худро ёфтаанд. аз ҷумла ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқот аз назари мо инҳоянд: таҳлили амиқи асосҳои назариявӣ ва методологии баррасии тасвири илмии олам, бо такя ба тавсифи ҷанбаҳои моҳиятии шаклҳои ҳастӣ; муайян намудани манбаъ ва таҳаввули мафҳумҳои фалсафӣ дар бораи шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим ва пайравони шарқии онҳо; таҳқиқи хусусиятҳои тасвири шаклҳои ҳастӣ ва олам дар фалсафаи асримиёнагӣ ва Замони нав бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию фарҳангии онҳо; таҳлили умумияти мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун унсурҳои сохтории шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам дар андешаҳои фалсафии охири асри XIX ва нимаи якуми асри XX; муайян

намудани мақоми ягонагии мақулаҳо дар ташаккули ҳастӣ ва нақши онҳо дар тасвири илмии олам дар муҳити фикрии фалсафии постмодерн.

Ба назари мо, таҳлили масъалаи тасвири илмии олам дар таълимоти файласуфони Ғарбу Шарқ хеле муфид ва бамаврид буда рушди тасвири илмӣ-фалсафии оламро дар ин ду суннати илмӣ-фалсафӣ зохир месозад ва нишон медиҳад, ки ҳар кадоме аз онҳо дар ин масъала саҳми арзанда гузоштаанд.

Бо итминони комил метавонем иброз дорем, ки аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки маводи он ва хулосаҳои дар таҳқиқот бадастовардашуда метавонанд дар соҳаҳои дониши фалсафӣ, чун таърихи фалсафа, онтология ва гносеология саҳми муайяне гузоранд.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳқиқоти анҷомшуда мантиқан кори анҷомёфта мебошад. Муаллифи рисола хусусиятҳои тасвири оламро тавассути мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад баррасӣ кардааст ва ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири оламро таҳлил намудааст, ки ин ҳам дастоварди муҳиммест барои илми фалсафаи муосир. Дар ҳақиқат, мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад чун мақулаҳои дигари фалсафӣ имкон медиҳанд, ки масъалаҳои мураккаби фалсафӣ равшан гарданд, андешаронии фалсафӣ қавӣ гардад.

Субҳонзода С.И. дар автореферат тавонистааст ба таври муъҷаз нуктаҳои асосии рисоларо иброз намояд ва ҳадаф, вазифаҳо ва навовариҳои таҳқиқотро мушаххас баён намояд. Тарҷимаи русии автореферат ба мазмуни тоҷикии он пурра мувофиқат мекунад.

Новобаста аз дастовардҳои диссертант, дар автореферат якчанд масъалаҳои баҳсталаб норавшан низ вуҷуд доранд:

1. Саҳми файласуфони Шарқ дар ташаккули мафҳумҳои муҷаррад, хосс ва кулл ва ташаккули дарки илмии олам ва ҳаводису равандҳои он баръало ва муфассалтар нишон дода шавад.
2. Ҳангоми таҳлили ақоиди файласуфон оиди мақулаҳои кулл, хосс

ва мучаррад, хуб мебуд усули муқоисавӣ истифода мешуд, то муайян кардани саҳми онҳо дар таҳаввули тасвири илмии олам баръало нишон дода мешуд.

Масъалаҳои баҳсталаб ва пешниҳодҳои зикршуда характери фундаменталӣ надошта, ба моҳияти илмии автореферати диссертатсия таъсир намерасонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ Раҳимов М.Ҳ

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Айнӣ 23/16, утоқи 22
Тел.: (+992) 918827393
E-mail: rakhimov 55@maiL ru

Имзои М.Ҳ.Раҳимовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ

**Суроғаи муассиса**: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, х.Раҷабовҳо 10
Тел.: 992 (37) 221-35-ll
E-mail: info@ttu.tj; WWW. @ttu.t1
21 ноябри соли 2025.